# I. БАРНОМАИ КОРИИ ФАН

## 1.1. Мақоми фан дар тайёрии касбии донишҷӯён

Курси методикаи таълими биология дар факултети биологияи донишкадаву донишгоҳҳои омӯзгорӣ яке аз фанҳои умумикасбӣ ба шумор рафта, дар тайёр намудани омӯзгорони баландихтисоси фанни биология барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва махсус саҳми арзанда мегузорад.

Тайёр кардани омӯзгорони фанни биология соҳаи мутлақо махсуси мактаби олӣ ба шумор меравад. Донишҷӯи имрӯза, ки дар оянда омӯзгори фанни биология мешавад, на танҳо мавзуъҳои фанро комилан бояд хуб донад, балки дар баробари он ба асосҳои маҳорати педагогӣ мусаллаҳ гашта, методика ва технологияи таълими биология дар мактаб ҳамаҷониба омӯзад. Вагарна ӯ дар кори таълими биология ба шогирдон ба натиҷаҳои матлуб комёб нахоҳад гашт.

**Ҳадафи асосии** курси методикаи таълими биология ба он равона карда шудааст, ки тавассути машғулиятҳои назарию амалӣ, корҳои мустақилона ва ташкили таҷрибаомӯзӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва махсус, коллеҷу гимназияҳо донишҷӯён ба касби омӯзгорӣ аз ҳама ҷиҳат тайёр карда шаванд ва салоҳияти касбии онҳо ташаккул дода шавад.

**Муҳимтарин вазифаҳои курси назариявии методикаи таълими биология** дар донишгоҳи омӯзгорӣ аз инҳо иборат аст:

1. Мусаллаҳ намудани донишҷӯён – омӯзгорониояндаи фанни биология бо донишҳои амиқи назариявӣ марбут ба фаъолияти ояндаи касбии онҳо.
2. Шиносо намудани донишҷӯён бо усулу методҳои фаъол, воситаҳои самарабахш ва технологияи нави таълими биология дар мактаб.
3. Мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо маҳорати самаранок ва эҷодкорона истифода кардани донишҳои назарӣ ва амалии ҳосилкардаашон дар фаъолияти амалии омӯзгори фанни биология дар мактаб.

Омӯхтани курси методикаи таълимро тавассути усулҳои фаъол (проблемагузорӣ, усули интерактивӣ, баҳсу муҳокима, корҳои гурӯҳӣ, бозиҳои касбӣ, ҳамкорӣ ва ғайра), ташкили фаъолияти мустақилона ва маърифатии донишҷӯён ба роҳ мондан айни муддаост, то ин ки онҳо ба корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, фаъолияти маҳфилҳо, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни биология, навишти маърӯзаю рефератҳо, корҳои курсӣ ва рисолаҳои тахассусии хатм ҷалб карда шаванд.

Донишҷӯён ҳангоми омӯзиши курси мазкур вазифадоранд, ки дар машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ ва мустақилона ба талаботи комплекси таълимӣ-методӣ такя намоянд. Инчунин дар комплекси таълимӣ-методӣ саволу супоришҳо ва рӯйхати адабиёт гирд оварда шудаанд, ки онҳо ба

донишҷӯён барои мустақилона аз бар намудани маводи таълимӣ, худомӯзӣ ва омодагӣ ба имтиҳонот кӯмак мерасонанд.

**1.1.1.Тавсияҳои методӣ доир ба ташкили омӯзиши фан**

Омӯзиши курси методикаи таълими биология ҳамгироии донишҳои лингвистӣ, психолого-педагогӣ, ичтимоӣ-фарҳангиро дар назар дошта, вазифадор аст, ки донишҳои тахассусии донишҷӯёнро тамоили касбӣ диҳад. Омӯзиши фан ба ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи фанни биология бояд мусоидат карда, шогирдонро ба фаъолияти мустақилонаю эҷодӣ дар давраи таҷрибаи омӯзгорӣ омода намояд.

Раванди таълими фан дар шаклҳои лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ, иҷрои корҳои мустақилона, корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзӣ ва таҳияи рисолаҳои хатм амалӣ мегардад. Тавассути лексияҳо донишҷӯён донишҳои назариявӣ ҳосил менамоянд, ки онҳоро ба таҳлили эҷодӣ ва интиқодии адабиёти методӣ омода месозад.

Машғулиятҳои семинарӣ-амалӣ вазифадоранд, ки донишҳои назариявии фанро таҳким бахшида, дар шогирдон муносибати системиро нисбат ба ҳалли масъалаҳои методӣ дар самти таълими фанни биология тарбия намояд, инчунин маҳорату малакаҳои касбӣ-методиро ташаккул дода,ба рушди тафаккури методӣ мусоидат намояд. Шарти муҳими амалигардонии ин вазифаҳо ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён қолабгардонии вазъиятҳои муоширати таълимӣ, худназорат ва худбаҳодиҳии, рефлексияи педагогӣ вобастагии қавӣ дорад.

**1.1.2. Пререквизитҳои фан:**

Биология, педагогика, психология, фалсафа, мантиқ, этикаи касбӣ.

**1.1.3. Постреквизитҳои фан:**

Асосҳои маҳорати педагогии омӯзгории биология, методҳои муосири таълими биология, кори курсӣ, таҷрибаи омӯзгорӣ, рисолаи хатм ва ғайра.

**1.2. Салоҳиятнокии касбӣ ва умумӣ оид ба сатҳи азхуднамоии фан тибқи талаботи Барномаи кории таълим**

Ин талабот аз Стандартҳои давлатӣ, стандартҳои ихтисос ва салоҳиятнокии касбӣ аз рӯи ихтисос гирифта шуда, бо нақшаи таълимии заминавӣ, нақшаҳои кори таълимӣ ва барномаи таълимӣ мувофиқат менамояд ва татбиқнунандаи асноди мазкур дар амал маҳсуб мeёбад.

Дар натиҷаи омӯзиши фанни «Методикаи умумии таълими биология» донишҷӯён бояд чунин салоҳиятҳои касбиро соҳиб шаванд:

**а) Бояд донанд:**

- марҳилаҳои асосии рушди методикаи таълими биология;

- равияҳои ҳозира дар рушди методика ва ҳуҷҷатҳои асосӣ дар соҳаи таълими биология;
- зарурати омӯзиши фанни биология;
- мундариҷа ва сохтори низоми таълими биология (ҳадафҳо ва вазифаҳои таълим, таълимотҳо оид ба таълими биология, принсипҳо, методҳо, воситаҳо, шаклҳои ташкилии таълим);
- робитаи фанни методика бо илмҳои бунёдӣ (педагогика, равоншиносӣ, фалсафа,фарҳангшиносӣ);
- усулҳои гуногуни ташаккул ва рушди маҳорати коммуникативӣ оиди фанни биология:
- талаботҳои тахассусӣ нисбат ба муаллими биология.

**б) Бояд тавонанд:**

- амалигардонии донишу маҳоратҳои дар машғулиятҳо ҳосилкарда ҳангоми навишти корҳои хаттиву рефератҳо, корҳои курсию рисолаи хатм ва таҷрибаи омӯзгорӣ;
- истифода кардани технологияи муосир дар таълими фанни биология;
- амалан татбиқ карда тавонистани равишу методҳои таълими биология;
- омода кардани маводи таълимию аёнӣ барои истифода дар машғулиятҳо;
- таҳлил ва арзёбӣ намудани хусусиятҳои инфиродӣ-психологии хонандагон ва дараҷаи донистани биология;
- эҷодкорона истифода бурдани маводҳои китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии муосир аз биология;
- таҳлил карда тавонистани фаъолияти педагогии худ ва фаъолияти ҳамкасбон;
- бо роҳи худомӯзӣ баланд бардоштани савияи донишҳои касбӣ;
- ташкили дурусти корҳои мустақилона;
- ба нақша гирифтан ва гузаронидани машғулиятҳо, чорабиниҳои берунazсинфӣ ва берунazмактабӣ;

**в) Бояд азхуд намоянд**:

- асосии назарияи таълими забони англисӣ дар мактаб дар замони ҳозира ва дар заминаи он омӯхтани истифодаи донишҳои назариявӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба амалияи таълиму тарбияи мактаббачагон;
- равияҳои асосӣ ва пешбари муосири таълими забонҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар кишварҳои хориҷӣ ва маҳорати арзёбии интиқодии консепсияҳои мавҷудаи таълими забонҳои хориҷӣ;
- ҷанбаҳои асосии назарияи муосири таълими забони англисӣ дар мактаб ва тарзу усулҳои дар ҳалли масъалаҳои амалӣ истифода кардани донишҳои назариявӣ;

- ҳадафҳо, мазмун, мундараҷа, принсипҳо, тарзу усулҳо, методҳо ва воситаҳои таълими биология ва малакаву маҳоратҳои истифодаи самарабахш ва эҷодии ин паҳлуҳо дар амалияи таълиму тарбияи хонандагон;
- донишҳои амиқи назариявӣ ва амалӣ марбут ба фаъолияти касбии омӯзгор;
- асосҳои салоҳияти коммуникативӣ ва касбии омӯзгори биология, махсусиятҳои фаъолияти касбии муаллим ва шартҳои рушду ташаккули он;

**г) Малака пайдо кунанд:**

- мавзӯъҳои гуногунро таҳлил карда хулосаи зарурӣ бароранд;
- мураттаб сохтани конспекти яксоатаи дарс, таҳияи нақшаҳои тақвимӣ;
- воситаҳои техникӣ, компютер ва интернетро истифода намуда тавонанд.

## 1.4. Ҷадвали тақсимоти соатҳои фанни «Методикаи умумии таълими биология»

**4. Ҷадвали тақсимоти соатҳои фанни** «Методикаи таълими биология»

| Т/р | Намуди дарсҳо | Соатҳои аудиторӣ | | | | | | | | | | КМД |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | КМДРО | | | | | |
| | | Миқдори умуми соатҳо | Дарси лексионӣ | Дарси амалӣ | Дарси семинарӣ | Дарси лабораторӣ | Дарси амалӣ (семинарӣ) | Кори лабораторӣ | Кор дар устохона ва парки | Кори лингофонӣ | | |
| | Миқдори умумии соатҳо: | 64/96 | | | | | | | | | | |
| 1 | дарсҳои лексионӣ | | 32/48 | | | | | | | | | |
| 2 | дарсҳои амалӣ | | | 16/24 | | | | | | | | |
| 3 | дарсҳои семинарӣ | | | | | | | | | | | |
| 4 | дарсҳои лабораторӣ | | | | | | | | | | | |
| 5 | Кори мустақилонаи аудитории донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор | | | | | | 16/24 | | | | | |
| 6 | Кори мустақилонаи донишҷӯён | | | | | | | | | | | 32/48 |
| | **Натиҷаи ниҳоӣ:** | Санҷиши фосилаи якум; санҷиши фосилаи дуюм: имтиҳон. | | | | | | | | | | |

## 1.5. Барномаи таълим аз фанни методикаи умумии таълими биология

Методикаи таълими биология ва асосҳои илмии он. Вазифаҳои асосии методикаи таълими биология бо илмҳои фалсафа, табиатшиносӣ ва мавқеи он дар системаи илмҳои педагогӣ. Методҳои тадқиқотие, ки дар омӯзиши методикаи таълими биология истифода бурда мешавад. Талабот нисбат ба ташкили мушоҳида ва таҷрибаҳои дар тадқиқотҳои методӣ. Методикаи таълими биология- ҳамчун фанни таълимӣ дар макотиби олии омӯзгорӣ.

Омӯзишу ҷамъбаст намудани таҷрибаҳои пешқадами педагогии омӯзгорони мактаб- яке аз усулҳои асосии ҷамъ намудани маълумотҳои методӣ. Фаъолияти эҷодии муаллим дар корҳои тадқиқотӣ. Мазмун ва сохтори бахши методикаи таълими биология. Дастурҳои асосӣ. Талаботҳои нисбат ба донишҷӯён (корҳои курсӣ, хаттӣ, дипломӣ, санҷиш, имтиҳон) ва ғайра.

## Давраҳои асосии таърихи инкишофи методикаи таълими биология

Вазъияти таълими биология дар Тоҷикистон дар давраи то Иттиҳоди Шӯравӣ, мавқеъи биология ҳамчун фанни таълимӣ дар мактабҳои тоинқилобӣ. Ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои 1804, 1864 ва саҳми олимон дар ин соҳа.

**Давраи шӯравӣ:** Давраҳои асосии тараққиёти таълими биология дар 68 соли ҳокимияти Шӯравӣ. Барқароршавӣ ва комёбии бахши системаи биология дар мактаб. Ба вуҷуд омадани методикаи Шӯравӣ.

Ташкилёбии донишкадаҳои такмили ихтисоси муаллимон ва аҳамияти онҳо дар тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон.

**Давраи соҳибистиқлолӣ:** методикаи таълими биология дар давраи ҳозира. Инкишофи он дар донишкада ва донишгоҳҳо. Консепсияи соҳаи маориф оид ба омӯзиши методикаи таълими биология. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ..

## Мақсад ва аҳамияти омӯзиши биология дар мактаб

Мақсади асосии таълими биология- тайёр намудани омӯзгорон-биологҳо, барои мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ. Аҳамияти донишҳои биологӣ дар ҳаёти инсон, табиат ва муҳофизати он. Вазифаҳои асосии илми биология мувофиқи барномаи таълими мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ. Мазмун ва мундариҷаи тарбияи хонандагон дар таълими биология. Ташаккули ҷаҳонбини илмӣ.

Тайёр кардани хонандагон ба меҳнат, интихоби касб ва табиатдӯстӣ. Мувофиқи маълумотҳои биологӣ. Инкишофи қобилияти фикрӣ, тадқиқотӣ ва ҷисмонии хонандагон.

## Мазмун ва хусусиятҳои фанҳои биологияи мактабӣ

Талаботи умумӣ- педагогӣ оид ба мазмуни бахши биологияи мактабӣ. Нақши биология дар тарбияи ахлоқии хонандагон. Аҳамияти омӯзиши биология дар инкишофи истеъдоди дарккунии хонандагон. Системаи донишҳои ҳозира аз биология, ҳамчун асоси илмии таълими биология дар мактаб. Мазмуни илми бахши биологияи мактабӣ, проблемаи муносибати илмӣ ва фанни таълимӣ.

Мувофиқат намудани маводҳои таълимӣ вобаста ба сину соли талабагон. Тарбияи хонандагон дар ҷараёни таълими биология. Алоқаманд намудани биология бо ҳаёт. Мазмун, мундариҷа ва сохтори барномаҳои биологияи мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ, шабона ва ғоибона.

## Шаклҳои таълими биология. Мақсад ва вазифаҳои барномаҳои таълими биология. Дарсҳои биология.

Маълумоти умумӣ дар бораи шаклҳои таълими биология. Дарс ҳамчун шакли асосии таълими биология. Таҳлили барномаҳои таълими биология аз рӯи равияҳо. Типҳои дарс. Таснифоти дарсҳо мувофиқи вазифаҳои таълимию таҷрибавӣ аз рӯи методҳо:

а) дарсҳои бавуҷудоварии мафҳумҳои нав, лексия, семинарӣ, корҳои амалӣ, фаврӣ ва мустақилона;

б) дарсҳои мустаҳкамкунӣ ва такмил додани дониш, малака ва маҳорати ( сӯҳбат, конференсия, машқ, корҳои амалӣ);

в) дарсҳои ҷамъбастӣ ва ба тартиб даровардани дониши малакаҳо (сӯҳбатҳои ҷамъбасткунанда, лексияҳои умумӣ, конференсияҳои ҷамъбастӣ);

г) дарсҳои назоратӣ- баҳисобгирӣ ( сӯҳбатҳои назоратӣ- тафтишӣ, хаттӣ);

д) дарсҳои омехта. (мураккаб). Бо истифодабарии методҳои гуногун дар ҷараёни таълими биология. Таълими проблемавӣ ва ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ дар рафти дарс.

Истифодаи воситаҳои техникӣ ва информатсионӣ дар дарсҳои биология. Таҷрибаҳои муаллимони пешқадам оид ба фаъолонидани раванди таълим. Ба назар гирифтани қобилияти фардӣ ва шавғии хонандагон дар ҷараёни таълим.

## Сохтор ва омӯзиши бахши факултативии биология дар мактаб. Робитаи байни фанҳо

Сохтори барномаи таълими биологияи мактабӣ ва факултативӣ.

Таснифи методҳои таълим мувофиқи сину соли хонандагон. Талаботҳои асосӣ ба дониши талабагон мувофиқи сохтори нав. Интихоби касби хонандагон аз рӯи омӯзиши фаслҳои биологияи мактабӣ. Дарсҳои факултативӣ ва аҳамияти он.

Алоқамандии таълими биология (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва гигиенаи одам, биологияи умумӣ) ба фанҳои таълими меҳнат, табиатшиносӣ, химия, физика, забону адабиёт дар рафти омӯзиши мавзӯъҳои алоҳида. Донишҳои экологӣ, гигиенӣ-санитарӣ. Алоқамандии байни силсилаи фанҳои тибиӣ-илмӣ ва ҷамъиятӣ- таърихӣ ҳангоми омӯзиши биология. Робитаи талабагон ба табиат дар ҷараёни экскурсия (саёҳат).

**Омӯзиши мафҳумҳои биологӣ ва роҳҳои ташкилу истифодаи дафтари биологӣ**

Шинос намудани хонандагон ба мафҳумҳои аввалини биологӣ; растаниҳо, ҳайвонот, одам, биологияи умумӣ. Мафҳумҳои экологӣ дар синфҳои 5-11. Мафҳумҳои эволутсионӣ дар синфҳои 5-11. Мафҳумҳои ситологӣ. Аҳамияти тарбиявии мафҳумҳои маълумоти биологӣ.

Роҳҳои ташкилу истифодаи дурӯсти дафтари биология. Иҷрои корҳои зерин дар дафтари биологӣ;

1. Пур кардани ҷадвалҳо, тартиб додани реҷҷаҳо ( схемаҳо) ва кашидани расмҳо;
2. Тартиб додани нақшаю конспектҳо;
3. Қайд намудани мазмуни мафҳумҳои асосии биологӣ;
4. Навиштани ҳисоботу хулосаҳо доир ба корҳои амалию лабораторӣ, намоишҳои телевизионӣ, кинофилмҳои таълимӣ, диафилмҳо.
5. Ҳалли масъалаҳои биологӣ;
6. Қайди натиҷаи экскурсия дар табиат ва истеҳсолот;
7. Иҷрои корҳои мустақилона.
8. Қайди проблемаҳои таълимӣ ва нақшаи ҳалли онҳо.

**Корҳои лабораторӣ ва амалӣ**

Масъалаҳои асосӣ, мазмун, миқдор ва сохтори корҳои лабораторӣ ва амалӣ. Таҷҳизонидани ҷои кории донишҷӯ. Қоидаҳои бехатарии техникӣ дар вақти кор кардан дар кабинет. Ташкили корҳои лабораторӣ ва амалӣ аз рӯи барнома. Нақшаи корҳои лабораторӣ ва амалӣ. Талаботҳо нисбат ба дониши хонандагон дар вақти гузаронидани корҳои лабораторӣ ва амалӣ. Ҳамъбасти корҳои лабораторӣ ва амалӣ дар дафтар. Меъёри баҳогузорӣ аз рӯи ҷамъбасти корҳои лабораторию амалӣ дар журналҳои синфӣ.

## Меъёри баҳогузорӣ ва омӯзиши таҳлили дарсҳои биология

Баҳисобгирии дониши талабагон аз рӯи мақсад ва имкониятҳои синну соли хонандагон. Тавсияҳо оид ба баҳогузорӣ:

1) дурӯстии дарки баёни мавзӯъ. Ошкор кардани мафҳумҳо, истифодаи истилоҳоти илмӣ;
2) дараҷаи ташаккули маҳорати зеҳнӣ ва умумитаълимӣ;
3) мустақилии ҷавоб;
4) саводнокии нутқ ва пайдарҳамии мантиғии ҷавоб;
5) маҳорати таҷрибагузорӣ;
6) маҳорати мушоҳидагузорӣ.

Зинаҳои муайян намудани меъёри баҳоҳо: 5; 4; 3; 2.
Роҳҳои таҳлили машғулиятҳо аз рӯи типҳои дарс ва методҳои он.
Қисматҳои асосии таҳлили дарс:
- мушоҳидаи дарс;
- муваффақиятҳои дарс;
- камбудиҳои дарс;
- маслиҳати методӣ.
Вазифаи методист ва нозири таълимӣ нисбати таҳлили дарсҳои биология.

**Қитъаи таълимӣ-таҷрибавии назди мактабӣ.**
**Экскурсия (саёҳат)**

Вазифаи корҳои таълиму таҷрибавӣ. Талаботи педагогию методӣ. Ҳуҷҷатгузорӣ мувофиқи низомнома оид ба қитъаи таълимӣ-таҷрибавии наздимактабӣ. Нақшаи тасвири қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ. Нақшаи кории қитъаи таълимӣ- таҷрибавӣ. Машғулиятҳои амалӣ. Шаклҳои ташкил кардани рӯзномаҳои мушоҳидавӣ ва тадқиқотӣ.

Талабот нисбати гузаронидани экскурсия. Нақшаҳои тақвими мавзӯъҳои экскурсия (саёҳат). Нақшаи дарсии экскурсия. Шиносоӣ бо наботот ва ҳайвонот. Гузаронидани экскурсия аз рӯи омӯзиши фаслҳои биология. Мушоҳидаҳои фенологӣ. Роҳҳо ва усулҳои гузаронидани экскурсия.

## Шаклҳои корҳои методӣ

Мазмун ва мундариҷаи корҳои методӣ. Ташкили корҳои методӣ дар мактаб.

- иттиҳодияи дохили мактабӣ;
- иттиҳодияи методии қитъавӣ;
-семинар-практикумҳои мактабҳои такягоҳӣ;
-семинар-практикумҳои мактабҳои таҷрибаи пешқадами педагогӣ (ТПП);
- семинарҳои доимоамалкунандаи назди шӯъбаҳои маориф.

Шаклҳои банақшагирии корҳои методӣ.

## Тарбияи хонандагон дар ҷараёни таълими биология. Тарбияи экологӣ ва ҳифзи табиат, гигиенӣ-санитарӣ ва зидди нашъамандӣ

Мазмун ва вазифаҳои тарбия дар раванди таълими биология. Ба нақша гирифтани кори тарбиявии хонандагон аз рӯи бобҳо. Қонуни Хумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ. Конуститутсияи ( Сарқонун) Хумҳурии Тоҷистон оид

ба муҳофизати табиат. « Китоби Сурх»-и Тоҷикистон «Китоби Сурх»-и собиқ Иттиҳодияи Шӯравӣ. Ташкил кардани давтари «Сурх»- и мактаб. Робитаи хонандагон дар табиат ва муҳофизати он.

Мафҳумҳои гигиенӣ-санитарӣ ва таълими биология. Омӯхтани малакаҳои гигиенӣ-санитарӣ талабагон. Қоидаҳои гигиенӣ-санитарӣ дар хониш, меҳнат, зиндагӣ, ҳангоми машғулият ва варзиш. Муносибати эҳтиёткорона ба саломатии худ ва атрофиён. Тарбияи зидди нашъамандӣ дар таълими биология. Пешгирӣ кардани одатҳои зараровари тамоку ва носкашӣ. Истеъмоли машрубот ва анвои нашъа таъсири зарари тамоку, нос ва истеъмоли машрубот ба узвҳои ҳозима ва дилу рагҳо. Таъсири зарари тамоку ва нашъа ба узвҳои нафаскашӣ. Зарари машрубот ба узвҳои ҳозима. Гигиенаи меҳнати фикрӣ. Таъсири зарари никотин, машрубот ва моддаҳои нашъадор ба системаи асаб.

## Қоидаҳои беруназсинфӣ ва беруназдарсӣ

Аҳамияти корҳои беруназсинфӣ ва беруназдарсӣ. Дар таълими биология. Масъалаҳои асоси оид ва ташкил намудани корҳои беруназсинф. Талаботи асоси оид ваташкил намудани корҳои беруназсинфӣ. Маҳфилҳо биологӣ аз созмондиҳии он. Типҳои маҳфилҳои биологӣ ва мазмуни корҳои он. Ҷамъияти «Посбонони Сабз» ва кулбҳои « Билологони ҷавон», принсипҳои ташкил намудан ва барномаҳои кории онҳо. Озмунҳои (олимпиадаҳои) биологӣ дар мактаб, ноҳия, вилоят. Конференсияҳои тематикӣ, шабҳои биологӣ, хонишҳои беруназсинфӣ. Гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба: «Иди ҳосилот», «Иди паррандагон», «Иди гулҳо», «Иди ҷангал» ва ғайраҳо.

Ба нақшадарории корҳои беруназсинфӣ мувофиқи барномаи нави таълимӣ.

### Кабинети биология

Талабот нисбати кабинети биология.Ҷиҳозонидани кабинети биология. Ҷойгиркунии кабинети биология дар бинои мактаб. Синф, утоғи лабораторӣ, гушаи зиндаи табиат. Нигаҳдории таҷҳизоти таълимӣ лабораторӣ.

Маводҳои экскурсионӣ (сиҳатӣ). Ҷойгир ва нигоҳдории асбобҳои айёнӣ. Асбобҳои табиӣ ва зинда. Тайёр кардани асбобҳои айёнии худсохт, сунъӣ ва маводҳои табиӣ. Маҷмӯъҳои (комплексҳои) таҷҳизоти таълимӣ мувофиғи мавзӯъҳои алоҳида.

Гушаи зиндаи табиат ва аҳамияти он дар таълими биология. Таҷҳизонидани гушаи зиндаи табиат. Ба нақшадорони кори кабинети биология. Гӯшаи техникаи бехатарӣ. Гӯшаи дастурҳои таълимӣ ва илмӣ.

**6. Тақсимоти мавзӯ ва соатҳои дарсӣ аз рӯи шаклҳои дарс.**

## 6.1.Номгӯи мавзӯъҳои дарсҳои лексионӣ аз фанни «Методикаи таълими биология»

| Т/р | Номгӯи мавзӯъҳо | Микдори соат |
|---|---|---|
| | **Семестри 5** | **32** |
| 1. | Муқаддима.Методикаи таълими биология-илми педагогика. | 1 |
| 2. | Мухтасари таърихи бология | 1 |
| 3. | Аз таърихи таълими табиатшиносӣ | 1 |
| 4. | Давраҳои асосии таърихи инкишофи методикаи таълими биология то давраи Шӯравӣ. | 1 |
| 5. | Давраҳои асосии таърихи инкишофи методикаи таълими биология дар давраи Шӯравӣ. | 1 |
| 6. | Давраҳои асосии таърихи инкишофи методикаи таълими биология дар давраи Соҳибистиқлолӣ. | 1 |
| 7. | Мазмун, вазифаҳои омӯзиши курси биологияи мактабӣ ва сохтори он. | 1 |
| 8. | Мафҳумҳои асосии методикаи таълими биология. | 1 |
| 9. | Алоқамандии байни фанҳо дар таълими биология. | 1 |
| 10. | Мақсад ва вазифаҳои барномаи таълими биология. | 1 |
| 11. | Мафҳуми методҳои таълим. | 1 |
| 12. | Методҳои умумимантиқӣ. | 1 |
| 13. | Таснифи методҳои таълими биология. | 1 |
| 14. | Методи фаъолгардонӣ ё интерактивӣ | 1 |
| 15. | Таълими проблемавӣ. | 1 |
| 16. | Шаклҳои омӯзиши биология. | 1 |
| 17. | Типҳои дарси биология. | 1 |
| 18. | Талаботҳои методӣ нисбат ба дарсҳои биология. | 1 |
| 19. | Талабот ба дарси муосир. | 1 |
| 20. | Таҳлили дарсҳои биология. | 1 |
| 21. | Корҳои лабораторӣ дар таълими биология. | 1 |
| 22. | Меъёри баҳо додан ба дониш ва маҳорати хонандагон. | 1 |
| 23. | Омӯзиши маводҳои дидактикӣ дар таълими ботаника. | 1 |
| 24. | Омӯзиши маводҳои дидактикӣ дар таълими зоология. | 1 |
| 25. | Бозӣ яке аз шаклҳои супоришҳои маърифатӣ аз биология. | 1 |
| 26. | Истифодаи зарбулмасл, чистон ва панди ниёгон дар таълими биология | 1 |
| 27. | Ба роҳ мондани корҳои мустақилона дар дарсҳои биология. | 1 |
| 28. | Алоқамандии унсурҳои тарбия дар таълими биология. | 1 |
| 29. | Табияи меҳнатии хонандагон. | 1 |
| 30. | Тарбияи ахлоқии хонандагон | 1 |
| 31. | Тарбияи экологии хонандаагон. | 1 |
| 32. | Тарбияи зидди нашъамандӣ дар таълими биология. | 1 |
| | **Семестри 6** | **56** |
| 1. | Мафҳумҳои гигиенӣ-санитарӣ ва таълими биология. | 1 |
| 2. | Интихоби касб дар таълими биология. | 1 |
| 3. | Дарсҳои факултативӣ ва аҳамияти он. | 1 |
| 4. | Шаклҳои корҳои берун аз синфӣ дар таълими биология. | 1 |
| 5. | Корҳои берун аз синфии фардӣ | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 6. | Корҳои берун аз синфии гурӯҳӣ | 1 |
| 7. | Корҳои берун аз синфии оммавӣ | 1 |
| 8. | Истифодаи корҳои берун аз синфӣ зимни омӯзиши таълими биология. | 1 |
| 9. | Истифодаи корҳои беруназсинфӣ зимни омӯзиши таълими ботаника | 1 |
| 10. | Истифодаи корҳои беруназсинфӣ зимни омӯзиши таълими зоология | 1 |
| 11. | Истифодаи корҳои беруназсинфӣ зимни омӯзиши таълими анатомия | 1 |
| 12. | Истифодаи корҳои беруназсинфӣ зимни омӯзиши таълими биологияи умумӣ | 1 |
| 13. | Роҳҳои гузаронидани иди Ҳосилот ё Меҳргон . | 1 |
| 14. | Роҳҳои гузаронидани иди гулҳо . | 1 |
| 15. | Роҳҳои гузаронидани иди парандагон. | 1 |
| 16. | Корҳои берун аз дарсӣ, дар таълими биология | 1 |
| 17. | Экскурсия ҳамчун як қисми таркибии таълими биология. | 1 |
| 18. | Экскурсияи мактабӣ ва роҳҳои гузаронидани он. | 1 |
| 19. | Экскурсия оид ба ботаника ва зоология | 1 |
| 20. | Экскурсия дар раванди таълими одам (анатомия, физиология ва гигиенаи одам) ва биологияи умумӣ | 1 |
| 21. | Экскурсия дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва дигар муассисаҳо | 1 |
| 22. | Корҳои берун аз дарсӣ дар кабинет ва гӯшаи табиат | 1 |
| 23. | Корҳои берун аз дарсӣ дар табиат | 1 |
| 24. | Воситаҳо ва заминаҳои моддии таълими биология. Дафтари биология ва роҳҳои истифодаи он дар таълим. | 1 |
| 25. | Талаботи ҳозиразамон ба кабинети биология. | 1 |
| 26. | Кабинети биология ҳамчун заминаи таълим. | 1 |
| 27. | Китоби биология ҳамчун воситаи таълим. | 1 |
| 28. | Қитъаи таълимӣ-таҷрибавии назди мактабӣ. | 1 |
| 29. | Машғулиятҳои дарсӣ дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ. | 1 |
| 30. | Маълумоти умумӣ оид ба гӯшаи зиндаи табиат. | 1 |
| 31. | Гӯшаи зиндаи табиат. Тарзи дар тубакҳо нигоҳ доштани гулҳо. | 1 |
| 32. | Гӯшаи зиндаи табиат. Аквариум. | 1 |
| 33. | Гӯшаи зиндаи табиат. Терариум. | 1 |
| 34. | Гӯшаи зиндаи табиат. Қафас. | 1 |
| 35. | Омӯзиши маводҳои дидактикӣ дар таълими анатомия. | 1 |
| 36. | Омӯзиши маводҳои дидактикӣ дар таълими биологияи умумӣ. | 1 |
| 37. | Истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар таълими биология. | 1 |
| 38. | Тарзи истифодабарии намудҳои тест дар дарсҳои биология. | 1 |
| 39. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Тағирпазирии ирсӣ» | 1 |
| 40. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Биология илм дар бораи хаёт» | 1 |
| 41. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Таркиби химиявии хучайра» | 1 |
| 42. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Мубодилаи моддахо ва энергия дар хучайра» | 1 |
| 43. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Синтези биологии сафедахо дар хучайра» | 1 |
| 44. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Хромосомахо, сохти онхо, роли КДН дар меросгузории аломатхои ирси» | 1 |
| 45. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Генетика хамчун илм ва роххои дурагакунии моногибриди» | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 46 | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Конунхои ирси ва ба мерос гузаштани аломатхои волидайн» | 1 |
| 47. | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Сарватхои табии ва истифодаи онхо » | 1 |
| 48. | Методикаи тарзи истифодабарии тахтаи электронӣ дар дарсҳои биология | 1 |

## 6.2.Номгӯи мавзӯъҳои дарсҳои лабороторӣ аз фанни «Методикаи таълими биология»

| Т/р | Номгӯи мавзӯъҳо | Миқдори соат |
|---|---|---|
| | **Семестри 5** | **16** |
| 1 | Методикаи таҳлили барнома оид ба омӯзиши фасли растаниҳо ва ҳайвонот. | **1** |
| 2 | Тартиб додани нақшаи тақвимии мавзӯъ аз ботаника ва зоология. | **1** |
| 3 | Методикаи омузиши мавзуи «Узвҳои растаниҳои гулдор» | **1** |
| 4 | Методикаи омузиши мавзуи «Сохти ҳучайраи растанӣ» | **1** |
| 5 | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Гул ва мева» | **1** |
| 6 | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Оилаи мураккабгулҳо» | **1** |
| **7** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Оилаи авранҷиҳо» | **1** |
| **8** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Ҳайвонҳои якҳуҷайра ё соддатаринҳо» | **1** |
| **9** | Методикаи омӯзиши типи «Рӯдаковокҳо» | **1** |
| **10** | Методикаи омӯзиши типи «Ҳалқакирмҳо» | **1** |
| **11** | Методикаи омӯзиши мавзӯи синфи «Моҳиҳо» | **1** |
| **12** | Методикаи омӯзиши мавзӯи синфи «Парандаҳо» | **1** |
| **13** | Методикаи омӯзиши мавзӯи синфи «Ширхурон. Катори сумдорон» | **1** |
| **14** | Методикаи омӯзиши мавзӯи синфи «Ширхурон. Катори приматхо» | **1** |
| **15** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Таълимоти Ч. Дарвин дар бораи инкишофи таърихи олами органики» | **1** |
| **16** | Тарзи тартиб додани тестхо. | **1** |
| | **Семестри 6** | **24** |
| 1 | Методикаи таҳлили барнома оид ба омӯзиши фасли анатомия ва биологияи умумӣ. | **1** |
| 2 | Тартиб додани нақшаи тақвимии мавзӯъ аз анатомия ва биологияи умумӣ. | **1** |
| 3 | Методикаи омӯзиши мавзӯи « Системаи такягоҳу ҳаракат» | **1** |
| 4 | Методикаи омӯзиши мавзӯи « Гардиши хун» | **1** |
| 5 | Методикаи омӯзиши мавзӯи « Нафаскашӣ» | **1** |
| 6 | Методикаи омӯзиши мавзӯи « Ҳозима». | **1** |
| **7** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Пӯст» | **1** |
| **8** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Гуногуншаклии организми зинда» | **1** |
| **9** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Пайдоиши ҳаёт дар рӯи замин» | **1** |
| **10** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Таълимот дар бораи ҳуҷайра» | **1** |
| **11** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Инкишофи индивидуалии организмҳо (онтогенез)» | **1** |
| **12** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Қонунҳои меросгузории аломатҳо» | **1** |

| | | |
|---|---|---|
| **13** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Тағирпазирии ирсӣ». | **1** |
| **14** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Таркиби химиявии хучайра» | **1** |
| **15** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Мубодилаи моддахо ва энергия дар хучайра» | **1** |
| **16** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Инкишофи индивидуалии организмҳо (онтогенез)» | **1** |
| **17** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Қонунҳои меросгузории аломатҳо» | **1** |
| **18** | Алокаи байнифани хангоми омӯзиши мавзӯи «Ферментхо» | **1** |
| **19** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Биосфера, таркиб ва вазифаои он» | **1** |
| **20** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Афзоиш ва инкишофи фардии организмхо» | **1** |
| **21** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Сарватхои табии ва истифодаи онхо » | **1** |
| **22** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Пайдоиши одам» | **1** |
| **23** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи он» | **1** |
| **24** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Тарзи тардибдодани намудҳои тест дар дарсҳои биология.» | **1** |
| **Ҳамагӣ:** | | **40 соат** |
| **Натиҷаи ниҳоӣ:** санҷиши фосилаи якум; санҷиши фосилаи дуюм; имтиҳон. | | |

## 6.3. Номгӯи мавзӯъҳои КМДРО

Вобаста ба Барномаи таълимӣ, силлабуси фан фан соатҳои КМДРО ба машғулиятҳои амалӣ, лабораторӣ ва семинарӣ ҷудо шуда, номи мавзӯъ соат нишон дода мешавад.

## 6.4. Номгӯи мавзӯъҳои дарсҳои семинарии КМДРО аз фанни «Методикаи таълими биология»

| Т/р | Номгӯи мавзӯъҳо | Миқдори соат |
|---|---|---|
| | **Семестри 5** | **16** |
| 1. | Муқаддима.Методикаи таълими биология-илми педагогика. | 1 |
| 2. | Аз таърихи таълими табиатшиносӣ | 1 |
| 3. | Таърихи инкишофи ботаника ва зоология. | 1 |
| 4. | Давраҳои асосии таърихи инкишофи методикаи таълими биология то давраи Шӯравӣ. | 1 |
| 5. | Давраҳои асосии таърихи инкишофи методикаи таълими биология дар давраи Шӯравӣ. | 1 |
| 6. | Давраҳои асосии таърихи инкишофи методикаи таълими биология дар давраи Соҳибистиқлолӣ. | 1 |
| 7. | Мазмун, вазифаҳои омӯзиши курси биологияи мактабӣ ва сохтори он. | 1 |
| 8. | Мафҳумҳои асосии методикаи таълими биология. | 1 |
| 9. | Алоқамандии байни фанҳо дар таълими биология. | 1 |
| 10. | Мақсад ва вазифаҳои барномаи таълими биология. | 1 |
| 11. | Таснифи методҳои таълими биология. | 1 |
| 12. | Шаклҳои омӯзиши биология. | 1 |
| 13. | Типҳои дарси биология. | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 14. | Таҳлили дарсҳои биология. | 1 |
| 15. | Меъёри баҳо додан ба дониш ва маҳорати хонандагон. | 1 |
| 16. | Алоқамандии унсурҳои тарбия дар таълими биология. | 1 |
| | **Семестри 6.** | **24** |
| 1. | Табияи меҳнатии хонандагон. | **1** |
| 2. | Тарбияи ахлоқии хонандагон | **1** |
| 3. | Тарбияи экологии хонандаагон. | **1** |
| 4. | Тарбияи зидди нашъамандӣ дар таълими биология. | **1** |
| 5. | Шаклҳои корҳои берун аз синфӣ дар таълими биология. | **1** |
| 6. | Роҳҳои гузаронидани иди Ҳосилот ё Меҳргон . | **1** |
| 7. | Роҳҳои гузаронидани иди гулҳо . | **1** |
| 8. | Роҳҳои гузаронидани иди парандагон | **1** |
| 9. | Корҳои берун аз дарсӣ, дар таълими биология | **1** |
| 10. | Экскурсия ҳамчун як қисми таркибии таълими биология. | **1** |
| 11. | Воситаҳо ва заминаҳои моддии таълими биология. Дафтари биология ва роҳҳои истифодаи он дар таълим. | **1** |
| 12. | Талаботи ҳозиразамон ба кабинети биология. | **1** |
| 13. | Кабинети биология ҳамчун заминаи таълим. | **1** |
| 14. | Китоби биология ҳамчун воситаи таълим. | **1** |
| 15. | Қитъаи таълимӣ-таҷрибавии назди мактабӣ. | **1** |
| 16. | Машғулиятҳои дарсӣ дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ. | **1** |
| **17** | Маълумоти умумӣ оид ба гӯшаи зиндаи табиат. | **1** |
| **18** | Гӯшаи зиндаи табиат. Қафас. | **1** |
| **19** | Омӯзиши маводҳои дидактикӣ дар таълими анатомия ва биологияи умумӣ. | **1** |
| **20** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Пайдоиш ва марҳилаҳои аввалини инкишофи ҳаёт дар рӯи Замин» | **1** |
| **21** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Таърихи пайдоиши ҳаёт» | **1** |
| **22** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Тағирпазирии ирсӣ» | **1** |
| **23** | Методикаи омӯзиши мавзӯи «Генетика хамчун илм ва роххои дурагакунии моногибриди» | **1** |
| **24** | Методикаи тарзи истифодабарии тахтаи электронӣ дар дарсҳои биология | **1** |
| **Ҳамагӣ:** | | 24 |
| **Натиҷаи ниҳоӣ:** санҷиши фосилаи якум; санҷиши фосилаи дуюм; имтиҳон. | | |

**6.5. Номгӯи мавзӯъҳои дарсҳои лабороторӣ КМДРО аз фанни «Методикаи таълими биология» надорад.**

**6.6. Номгӯи мавзӯъҳои дарсҳои лабороторӣ КМДРО аз фанни «Методикаи таълими биология» надорад.**

**6.6. Супоришҳо доир ба иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД) берун аз аудитории дар асоси фанни «Методикаи таълими биологя» (32 /48 соат):**

| **Т /р** | **Номгӯи супоришҳо** | **Мақоми ҷамъ овардани супоришҳо** | **Макони ҷамъоварӣ** | **Микдори соат** | **Вақти иҷрои супоришҳо** | **Назоратчӣ: муаллими фан** | **Қайди устод** | **Қайди донишҷӯ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Семестри 5-6 | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | «Синфи ширхурон» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 5 | | Шарипов М. | | |
| 2 | «Ҳаёт ва фаъолияти Ориф Шукуров» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет . Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 4 | | Шарипов М. | | |
| 3 | «Ҳаёт ва фаъолияти Абуалӣ ибни Сино» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 5 | | Шарипов М. | | |
| 4 | «Саҳми олимони факултет дар инкишофи илмҳои биология» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 5 | | Шарипов М. | | |
| 5. | «Аҷоибот и биология» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, | 4 | | Шарипов М. | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | | | | | |
| 6. | «Гушаи зиндаи табиат» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 5 | | Шарипов М. | | |
| 7. | «Кабинети биология» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 5 | | Шарипов М. | | |
| 8. | «Растаниҳои шифобахши Тоҷикистон» | Тайёр кардани призентасия | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 5 | | Шарипов М. | | |
| 9. | Методика и истифодабарии растаниҳои шифобахши Тоҷикистон дар дарсҳои ботаника | Реферат | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 5 | | Шарипов М. | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10. | Истифода барии ситуатсияҳои педагогӣ дар дарсҳо | Маъруза | Фонди китобхонаи ДДОТ, осорхона ва гушаи зиндаи факултет. Базаи маълумотҳои китобхонаи электронӣ, аудиторияи компютерӣ, ки бо шабакаи интернет ва тахтаҳои электронӣ пайваст мебошанд. | 4 | | Шарипов М. | | |
| **Ҳамагӣ:** | | | | **48 соат** | | | | |
| **Натиҷаи ниҳоӣ баҳо додан ба мундариҷаи кор:** дар шакли маъруза, реферат ва призентасия натиҷагири карда мешавад. | | | | | | | | |

**1.10. Таъминоти таълимӣ-методии кори мустақилонаи донишҷӯён ва намудҳои он**

- кор бо конспекти лексияҳо ва адабиёти тавсияшаванда;
- омӯхтани адабиёти муосири кишвар ва хориҷӣ доир ба мавзӯъҳои алоҳида;
- тайёрӣ ба машғулиятҳои семинарӣ-амалӣ;
- омодагӣ ба кори мустақилона таҳти роҳнамоии омӯзгор (КМДРО)
- таҳия намудани рефератҳо, маърӯзаҳо, гузориш ва презентатсияҳо;
- иҷрои супоришҳои эҷодӣ, корҳои курсӣ ва рисолаҳои тахассусии фан;
- ширкат дар маҳфили «Натуралистони чавон» ва мизҳои мудаввар, конференсияҳои илмии донишҷӯён ва ғайра.
- **1.11. Сиёсати гузоштани холҳо**
- **Низомнокӣ ва фаъолият**
- Иштирок ба дарсҳо: Ширкат дар дарсҳо шарт ва ҳатмӣ аст. Барои бо сабабе дар дарс иштирок надоштан ва азхуд накардани мавзӯи таълимӣ донишҷӯ ҷавобгар маҳсуб мешавад. Дар сурати зиёд шудани соатҳои дарсшиканӣ аз миқдори соатҳои кредитӣ аз курси таълимӣ хориҷ хоҳед шуд. Барои ҳар як дарсшиканӣ 5 хол ва барои ба муддати зиёда аз як дақиқа ба дарсҳо дер мондан 2 хол чун ҷарима кам карда мешавад. Барои сари вақт ва пурра супоридани корҳои хонагӣ 10 хол илова карда мешавад.
- **Санҷиши тести кӯтоҳмӯҳлат**
- Санҷишҳои тести кӯтоҳмӯҳлат дар давоми 5-10 дақиқаи аввали ҳар як машғулият гузаронида мешаванд. Ин тести санҷишӣ тести аз як саволи лексияи гузашта ё аз вазифаи хонагӣ иборат мебошад. Холи гирифтаи шумо барои иҷрои тест ба эътибор гирифта хоҳад шуд ва он мувофиқи дархости Шумо бо пасттарин холе, ки барои иҷрои яке аз 10 вазифаи хонагӣ соҳиб шудаед, иваз карда мешавад.
- **Вазифаи хонагӣ**
- Иҷрои вазифаи хонагӣ, ки ҳар дафъа баъди анҷом ёфтани машғулият супорида мешавад, ҳатмист. Дар сурати иҷро накардани вазифаи хонагӣ иҷрои вазифаи баъдина қабул карда намешавад. Мувофиқи сифати иҷрои даҳ вазифаи хонагии беҳтарини шумо баҳои миёнаи умумӣ бароварда мешавад, ки баробари як баҳои тест ба шумор меравад.

- **7.Сиёсати гузоштани холҳо**

| Т/р | Шакли кор | баҳо (max хол) | микдор | ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Лексия | 0,25 | 6 | 1,5 |
| 2 | Амалӣ (семинарӣ) | 0,25 | 6 | 1,5 |
| 3 | КМДРО | 0,75 | 6 | 4,5 |
| 4 | Кори назоратӣ | 3,5 | 2 | 7 |
| 5 | Реферат (эссе) | 1 | 1 | 1 |
| 6 | КМД | 0,75 | 6 | 4,5 |
| 7 | Санҷиши марҳилавии 1 | | | 80 |
| **Ҳамагӣ:** | | | | 100 |
| Ҳамагӣ: миқдори супоришҳо баробар аст ба ҳафтаҳои таълимии санҷиши марҳилавии 1 | | | | |
| 1 | Лексия | 0,25 | 6 | 1,5 |
| 2 | Амалӣ (семинарӣ) | 0,25 | 6 | 1,5 |
| 3 | КМДРО | 0,75 | 6 | 4,5 |
| 4 | Кори назоратӣ | 3,5 | 2 | 7 |
| 5 | Реферат (эссе) | 1 | 1 | 1 |
| 6 | КМД | 0,75 | 6 | 4,5 |
| 7 | Санҷиши марҳилавии 2 | | | 80 |
| **Ҳамагӣ:** | | | | 100 |
| Ҳамагӣ: миқдори супоришҳо баробар аст ба ҳафтаҳои таълимии санҷиши марҳилавии 2 | | | | |

- **8.Талаботи омӯзгор**
- - иштироки ҳатмӣ дар дарс;
- - фаъол будан дар дарсҳои семинарӣ;
- - омодагӣ ба дарсҳо, иҷрои вазифаҳое, ки барои КМДРО ва КМД дода мешавад;
- Ба донишҷӯ номумкин аст:
- - қафо мондан аз дарс;
- - истифодаи телефонии мобилӣ дар дарс;
- - фиреб кардан ва ё дурӯғ гуфтан;
- - саривақт иҷро накардани супоришҳо ва ғайра.
- Аз ҷадвали холҳо ва баҳоҳои ҳарфии (грейдҳои) мувофиқ дида мешавад, ки 90% аз холҳои умумии имконпазир ҳамеша бо баҳои «А» (80-89%)- ба «В» (70-79%) бо баҳои С, (60%-69%), бо баҳои «Д», (0-59%) бо баҳои «F» баробар мебошад.
- Аз эътибор соқит намудан: Ба вайронкунии дилхоҳи дар феҳристи низом қайд гардида ҳиллаю, руйнавис кардан ҷазои қатъӣ дар шакли, хориҷ намудан аз курс ё гузоштани баҳои «F» аз ҳама курсҳои таьлимӣ дода мешавад.
- **Рафтор**
- Дар синф ҳангоми машғулият истифода аз телефонҳои дастӣ манъ аст. Телефонҳо бояд хомӯш нигоҳ дошта шаванд. Барои риоя накардани ин қоида 5 хол аз ҳисоби холҳои умумӣ кам карда мешавад. Дермонӣ ва баромадан аз синф бе иҷозати устод қатъиян манъ аст.
- **Маводҳои ёрирасон барои курси таьлимӣ**
- Дар кафедраи методикаи таълими биология маводи таьлимӣ оид ба иҷрои тестҳо дастрас аст, ки дар баробари маводҳои дар синф омӯхташаванда имконияти аз истифода намудан доред.

Барномаи омӯзиши компеютерии факулта, ки қисми ҷудошавадаи таьлим ба шумор меравад, дар хизмати шумо мебошад. Агар имконият дошта бошед, метавонед онро нусхабардорӣ намоед.